Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 113 (4696) | ҶУМЪА, 15 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ВОХӮРИИ ПАНҶУМИ МАШВАРАТИИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**14 - уми сентябри соли 2023 дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба кори худ оғоз кард.**

Ҳамоиши сатҳи баланд дар бинои Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» баргузор гардид.

Сарони давлатҳои иштирокчӣ ва меҳмонони чорабиниро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона истиқбол гирифтанд.

Дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва меҳмони фахрӣ - Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, иштирок карданд.

Сарони давлатҳо доираи васеи масъалаҳои мубрами робитаҳои кишварҳои минтақаро баррасӣ намуда, дурнамои тавсеаи ҳамкории минтақавиро дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими заминаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ, рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарии минтақа мавриди назар қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст иштирокчиёни вохӯрӣ - сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар меҳмононро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфтанд.

Тоҷикистон ташаббускори дар ҳошияи Вохӯрии машваратии сарони давлатҳо бо кумаки кишварҳои минтақа баргузор намудани як силсила чорабиниҳои рӯзмарра гардид. Дар рафти омодагӣ ба вохӯрии навбатӣ қариб панҷоҳ чорабинӣ доир гашт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳадаф аз баргузор кардани ин чорабиниҳо дар Осиёи Марказӣ, мустаҳкам намудани муҳити нави боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошад.

Вобаста ба вазъи имрӯзаи сиёсии ҷаҳон Сарвари давлат таъкид намуданд, ки масъалаҳои таъмини суботи минтақавӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии мо қарор доранд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ба масъалаҳои ҳамкорӣ баҳри густариши минбаъдаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои алоҳидаи робитаҳои дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, амалисозии лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ ва инфрасохтор, истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, барои таъмини амният дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ таъсис додани Ассотсиатсияи воситаҳои ахбори оммаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар масъалаҳои мубрам ҷалб намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сарони давлатҳо барои дастгирии кӯшишҳои Тоҷикистон дар давраи раёсат изҳори сипос намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи баргузор кардани Вохӯрии навбатии шашуми машваратӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон барору комёбӣ орзу карданд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев суханронӣ карда, ба ҷониби Тоҷикистон ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланди ташкилӣ доир кардани ҳамоиш ва натиҷаҳои кори кишвари мо дар давраи раёсат баҳои баланд дода, барои меҳмоннавозии гарму самимӣ изҳори сипос карданд.

Баъди баромади сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш бо навори видеоӣ муроҷиат кард. Дар кори ҳамоиш аз ҷониби сарони давлатҳо Изҳороти муштарак аз натиҷаҳои Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба имзо расид.

Ҳамчунин, бо қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон муҳтарам Гурбангулӣ Бердимухамедов бо «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» сарфароз гардонида шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ҷамъбаст намуда, бори дигар иштирокчиёни ин ҳамоиши сатҳи баландро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфтанд.

Дар ҳошияи кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ вазирони корҳои хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ ду санади навро имзо карданд:

- Созишнома оид ба таҳкими ҳамбастагии нақлиёти заминӣ дар Осиёи Марказӣ;

- Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба самтҳои умумии сиёсати ҷавонон.

Дар толори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин аз рӯи натиҷаҳои кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои доираи васеи хабарнигорони дохилу хориҷ бо изҳорот баромад кард.

**www.prezident.tj**

## МУЛОҚОТИ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ТАНЗИЛА НАРБАЕВА



**13 - уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Сенати Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Танзила Нарбаева, ки бо сафари корӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овард, мулоқот намуданд.**

Зимни мулоқот вазъ ва дурнамои муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид доштанд, ки рушди ҳамаҷониба ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷии кишвари мо мавқеи афзалиятнокро ишғол намуда, инъикосгари талошҳо ва ҷавобгӯи манфиатҳои аслии ҳар ду халқи бо ҳам дӯст мебошад.

Зикр гардид, ки дар тӯли беш аз сӣ соли робитаҳои дипломатӣ муносибатҳои байни Тоҷикистону Ӯзбекистон бо такя ба заминаи устувори ҳамсоягии нек, ҳамкории мутақобилан судманд ва бо назардошти эҳтироми манфиатҳои тарафайн, аз озмоишҳои зиёд гузашта, ба сатҳи шарикии стратегӣ расиданд.

Имрӯз робитаҳои байни ҳар ду давлат дар соҳаҳои сиёсию дипломатӣ, тиҷорати иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангию гуманитарӣ, ҳарбию техникӣ ва дигар соҳаҳо бомуваффақият рушд мекунанд.

Ҷонибҳо ба тавсеаи фаъоли робитаҳои байнипарламентӣ, инчунин, ҳамкории парламентҳои ҳар ду кишвар дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои байналмилалию байниминтақавӣ таваҷҷуҳи хоса дода, ҳавасмандии худро барои баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо дар ин самт иброз намуданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкории шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар бахшҳои гуногун баррасӣ карда, омодагии хешро барои тақвияти муколамаи байнипарламентӣ ва таъмини рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳои мардуми ҳар ду кишвар изҳор доштанд.

Ҳамчунин, дар робита ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла вобаста ба вазъи Афғонистон табодули назар анҷом дода шуд.

Пас аз музокироти дуҷониба маросими имзои Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сенати Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.

Бояд гуфт, ки бо имзои созишномаи мазкур сатҳи муносибатҳои байнипарламентии Тоҷикистону Ӯзбекистон тавсеа ёфта, он дар сатҳи комиссияи доимоамалкунанда ба роҳ монда мешавад.

**www.majmilli.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сенздаҳуми сентябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо



ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода ва оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло ба баррасии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, масъала «Оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба он қарор қабул карда шуд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналмилалӣ» ва «Дар хусуси Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЗАРБОЙҶОН



**14 - уми сентябри соли 2023 дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев, ки барои иштирок дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот маҷмӯи масоили шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии кишварҳо, ҳамчунин, рӯзномаи чорабиниҳои сатҳи олӣ, ки рӯзҳои 14 ва 15-уми сентябр дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе баргузор шуданд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҷонибҳо, зимни мулоқот масъалаҳои мубрами робитаҳои дуҷониба, ҳамкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла имкониятҳои афзоиши ҳаҷми гардиши молро муҳокима намуданд.

Аз робитаҳои самарабахши доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар ва натиҷаҳои Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Қазоқистон, ки чанд рӯз пеш дар Тоҷикистон баргузор гардид, изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

**14 - уми сентябри соли 2023 дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров, ки барои иштирок дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки натиҷаҳои ҳамоиши сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба рушди равандҳои мусбат дар минтақаи мо мусоидати муассир хоҳанд кард.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ба масъалаи рушди муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки бо риштаҳои чандинасраи дӯстӣ ва ҳамсоягии нек пайванданд, таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз идомаи муколамаи мунтазами сиёсӣ, бахусус, дар сатҳи олӣ ҷонибдорӣ намуданд.



Зимни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба мавзӯъҳои алоҳидаи минтақавӣ ва байналмилалии мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ анҷом доданд.

**14 - уми сентябри соли 2023 дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимухамедов, ки**



**барои иштирок дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот маҷмӯи масоили ҳамкории Тоҷикистону Туркманистон ва рӯзномаи ҳамоишҳои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Туркманистонро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, изҳори итминон карданд, ки натиҷаи вохӯриҳои дарпешистода омили таҳкими ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ хоҳанд шуд.

Ҷонибҳо, зимни мулоқот масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши ҳаҷми гардиши мол ва робитаҳои фарҳангию гуманитариро баррасӣ намуданд. Барои рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ зарур шуморида шуд, ки фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркманистон ҷоннок карда шавад. Дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ табодули андеша намуданд.

**14 - уми сентябри соли 2023 дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев, ки барои иштирок дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот карданд.**



Дар рафти вохӯрӣ ҷанбаҳои мубрами ҳамкории ҷонибҳо дар доираи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии ҳар ду кишвар, инчунин, масъалаҳое, ки ба рӯзномаи чорабиниҳои сатҳи баланд дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ворид гардиданд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Сарвари давлат бо қаноатмандӣ таъкид доштанд, ки муносибатҳои байни кишварҳои мо дар ҳама сатҳҳо ҷараёни баланди рушд дорад ва изҳори итминон карданд, ки натиҷаи вохӯриҳои дарпешистода ба инкишофи минбаъдаи онҳо мусоидати муассир хоҳанд кард. Ҷонибҳо, зимни мулоқот масъалаҳои таҳкими ҳамкории кишварҳоро дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок муҳокима намуданд.

Ба ҷониби Ӯзбекистон барои дастгирии талошҳои Тоҷикистон дар раёсати Вохӯрии панҷуми машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал изҳори сипос карда шуд. Дар рафти мулоқот президентҳо атрофи масъалаҳои алоҳидаи минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

**14 - уми сентябри соли 2023 дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев, ки ҳамчун меҳмони фахрӣ дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок намуданд, мулоқот анҷом доданд.**



Дар рафти мулоқот маҷмӯи масоили ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Озарбойҷон баррасӣ гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олимақомро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, изҳори итминон карданд, ки иштироки Роҳбари Ҷумҳурии Озарбойҷон дар кори машварати сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ омили рушди муносибатҳо байни ҳар ду кишвар хоҳад гардид.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ба масъалаи татбиқи тавофуқоти зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ба Тоҷикистон моҳи майи соли ҷорӣ бадастомада, таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва дигар бахшҳои барои ҷонибҳо судманд, таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, масъалаҳои алоҳидаи рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.



## МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТИ ОЛИИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БА ГУРБАНГУЛӢ БЕРДИМУХАМЕДОВ

**14 - уми сентябри соли 2023 Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон муҳтарам Гурбангулӣ Бердимухамедов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Дар назди Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» меҳмони олимақомро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ истиқбол гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон муҳтарам Гурбангулӣ Бердимухамедовро самимона пазироӣ карда, ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфтанд.

Дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» дар ҳошияи Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ маросими супоридани мукофоти олии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Маросими тантанавии супоридани мукофоти олӣ бо иштироки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Озарбойҷон сурат гирифт.

Дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои саҳми барҷаста дар таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии нек байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, таъмиқи ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои минтақа дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин кӯшишҳои чандинсолаи шахсии ба бунёдкорӣ ва рушди бемайлон равонакардааш, мукофоти олӣ – «Нишони фахрӣ» - ро дар вазъияти тантанавӣ ба Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон Гурбангулӣ Бердимухамедов тақдим намуданд.

Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслахати Туркманистон Гурбангулӣ Бердимухамедов ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои меҳмоннавозии самимӣ ва ба сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои қадршиносӣ изҳори сипос намуданд.

## ИШТИРОКИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ДАР БАРНОМАИ ФАРҲАНГИИ «ШОМИ ДӮСТӢ»

**14 - уми сентябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» дар ҳошияи Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барномаи муштараки консертӣ – «Шоми дӯстӣ» баргузор гардид.**

Дар барномаи фарҳангии «Шоми дӯстӣ» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок намуданд.

Аҳли фарҳангу санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ барномаи муштараки бошукӯҳу пурмуҳтавои фарогири анъанаҳои деринаи миллию ҳамҷаворӣ ва равобити ҳасанаи давлатҳоро дар баромадҳои худ ба таври шоиста тараннум ва пешниҳоди иштирокчиёни чорабинӣ карданд.

Мардумони давлатҳои Осиёи Марказиро муштаракоти таърихию фарҳангӣ, риштаҳои анъанавии дӯстӣ, ҳамсоягии нек, дарки умумият ва ҳампаймонӣ бо якдигар мепайвандад ва ин давлатҳо ба рушди ҳамкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла фарҳангу санъат таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии зиёд доранд.

Дар ҳамин замина пойдории муколамаи боэътимод ва рушду таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи босубот ва дарозмуддат байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҳамаи самтҳо, яке аз авлавиятҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мулоқоту музокироти сатҳи олии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Душанбе ба таҳкими раванди рушди ҳамкории минтақавӣ ва пойдории амнияту субот дар минтақа мусоидат мекунанд.

Барномаи муштараки рангини консертӣ таҳти унвони «Шоми дӯстӣ», ки инъикосгари анъанаҳои деринаи дӯстию ҳамкории ояндадори кишварҳои минтақа буд, хеле дилписанду фараҳбахш доир гардид ва меҳмонони олимақом ба ҳунару истеъдоди аҳли фарҳангу санъат баҳои баланд доданд.



## БОЗДИДИ САРОНИ ДАВЛАТҲО АЗ ДЕҲКАДА ДАР БӮСТОНСАРОИ ҲУКУМАТӢ



**Шоми рӯзи 14 - уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, иштирокчиёни Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал дар деҳкадаи Бӯстонсарои ҳукуматӣ маҳфили «Шоми дӯстӣ» барпо карданд.**

Дар шоми дӯстӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо меҳмонони олимақоми Тоҷикистон - Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сайругашти шомгоҳӣ баромада, аз намоишгоҳи неъматҳои табиии диёри биҳиштосои мо дидан намуданд.

Дар намоишгоҳи пуршукӯҳ меваю сабзавот, хушкмеваю асал ва дигар неъматҳои бебаҳои табиии кишвари мо ба маъраз гузошта шуда, ба меҳмонони олимақом хеле писанд омад. Дар роҳравҳои алоҳида ҳар як намуд маҳсулоти кишоварзӣ бо шаклу услуби хос ва ороиши гуногун пешкаш гардид.

Шоми дӯстӣ барои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле писанд омад ва меҳмонони олимақом бори дигар ба имконоту захираҳои фаровони кишвари мо дар самти истеҳсоли меваю сабзавоти хушсифат ва хушкмеваҳо, инчунин, намудҳои гуногуни таомҳои хушлаззат аз наздик шинос шуданд.

**www.prezident.tj**



# БОЗДИД АЗ НАМОИШГОҲИ МОЛИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**14 - уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон - Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар шаҳри Душанбе ба Намоишгоҳи молистеҳсолкунандагони давлатҳои Осиёи Марказӣ ташриф оварданд.**

Намоишгоҳи мазкур дар доираи Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор гардида, ҳадаф аз он муаррифии маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолӣ ва тақвият бахшидани ҳамкории тиҷоратӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар толори маҳсулоти саноатии Тоҷикистон, ки 2310 метри мураббаъро ташкил медиҳад, беш аз 150 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ иштирок намуда, номгӯи зиёди маҳсулоти ватаниро муаррифӣ карданд.

Аз ҷумла, дар ин толор намояндагони ширкатҳои нассоҷӣ, саноати сабук, саноати мошинсозӣ, саноати кӯҳӣ, канданиҳои фоиданок, энергетика, технологияи иттилоотӣ (IT), кишоварзӣ ва ғайра маҳсулоти хешро муаррифӣ намуданд.

Металлҳои ранга, ашёи хоми алюминӣ, алюминӣ ва маҳсулоти аз он тайёршаванда, таҷҳизоти ҳарбӣ-мудофиавӣ, технологияҳои инноватсионӣ, таҷҳизоти барқӣ, масолеҳи сохтмонӣ, хоса, қубурҳои шишапластикӣ, кошину қандил, сангҳои ороишӣ, профил, фаршу сақфҳои гуногун, дару тиреза, рангҳои сохтмонӣ, инчунин маводи доруворӣ аз ҷумлаи маҳсулоте мебошанд, ки дар намоишгоҳ ба маъраз гузошта шуда, дорои сифати баланду дар бозори байналмилалӣ рақобатпазир аст.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои маъданӣ калонтарин мамлакат дар Осиёи Миёна мебошад. Дар ҷумҳурӣ конҳои сурб, рӯҳ, сурма ва ғайра, инчунин, металлҳои камёфт кашф карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, кӯҳсори Тоҷикистон дорои тамоми унсурҳои ҷадвали Менделеев мебошад. Бо назардошти мавҷуд будани чунин захираҳои бойи табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд бахшидани иқтисодиёти сабз имконпазир мебошад.

93 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва ин мамлакати дорои захираҳои калони ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол мекунад. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёда аз 400 кон ва зуҳурот кашф карда шудааст, ки 30 навъи ашёи хомро барои азхудкунии масолеҳи саноатии сохтмонӣ, аз қабили габбро, гранит, гранодиорит, диорит, мармар, оҳаксанги мармарӣ, санги гаҷӣ ва намнок, реги квартсӣ доро мебошад. Дар гӯшаи алоҳида беш аз даҳ намуд масолеҳи сохтмонии аз санги табиӣ истеҳсолшударо ба маъраз гузоштанд.

Сарони давлатҳо ба захираҳои табиии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дарёфти роҳҳои нави истихроҷ ва истифодаи самараноку оқилонаи онҳоро муҳим шумориданд. Таъкид гардид, ки ҳамкориҳои тиҷоратӣ байни молистеҳсолкунандагони давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд боз ҳам бештар тақвият дода шавад.

Дар гӯшаи маҳсулоти саноати сабук ва пилла матоъҳои абрешимӣ, атласу адрас ва чакан, қолинҳои дастӣ, кандакорӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ ба намоиш гузошта шуд. Дар ҳамон ҷо дар бораи тиҷорат тавассути Роҳи бузурги абрешим, ки дар гузашта анҷом дода мешуд ва доир ба фаъолияти ҳунармандони тоҷик дар даврахои гуногун маълумоти муфассал доданд.

Гуфта шуд, ки тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳунарҳои қадимаи мардумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Ин аст, ки дар як давраи кӯтоҳ ҳама намуди ҳунарҳои мардумӣ эҳё шуд, рушд ёфт ва имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҳунари нодир муаррифӣ мегардад. Дар гӯшаи алоҳида захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон муаррифӣ карда шуд.

Сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ба таври маҷозӣ ҷараёни корҳои сохтмониро дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» тамошо карданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ҳоло дар ин корзори нангу номуси ватандорӣ техникаю таҷҳизоти зиёди зарурӣ сафарбар гардида, мутахассисони дорои таҷрибаи баланд якҷо бо сохтмончиёну дигар коргарони муҳандисию техникӣ ба таври шабонарӯзӣ фаъолият менамоянд.

Ба сифати корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, кӯшиш бар он равона мегардад, ки корҳо аз рӯи нақшаи тасдиқшуда ва ҷавобгӯ ба стандарти ҷаҳонӣ иҷро шаванд.

Дар ҳамин толор электробуси тамғаи «Акия Ултро», ки истеҳсоли Ширкати «Акия Авесто»-и Тоҷикистон мебошад, муаррифӣ карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки фаъолияти Ширкати «Акия Авесто» дар шаҳри Душанбе ба роҳ монда шуда, самти он ба бандубаст ва истеҳсоли автобус ва троллейбусҳои замонавӣ равона гардидааст.

Истеҳсоли электробуси мазкур бори нахуст дар Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Тибқи нақша ва дар асоси «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» то соли 2026 бояд 300 адад чунин электробус истеҳсол гардида, барои истифода дар шаҳри Душанбе пешниҳод шавад.

Дар қисми дигари толор бо истифода аз оби табиӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» шаршара сохта шудааст. Шаршара ҳаракати мавзун дорад ва бо навиштаҷоти ҷолиб оро ёфта, ба як манзараи диққатҷалбкунанда табдил ёфтааст. Ин манзара, ки манбаъҳои зиёди об ва фаровонии онро дар Тоҷикистон таҷассум мекунад, писанди меҳмонон гардид.

Сарони кишварҳо дар толори маҳсулоти саноати хӯрокворӣ аз растаҳои пур аз анвои дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда дидан намуданд. Дар толор ширкатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ ва яхмос, меваҳои хушки ба таври замонавӣ ва мутобиқ ба стандарти байналмилалӣ бандубастшуда, консерва ва афшураи меваю сабзавот, равғани растанӣ, орд ва маҳсулоти аз он тайёршаванда, маҳсулоти макаронӣ, обҳои ташнагишикан, машрубот, маҳсулоти қанноди, чой бо иловаи хушкмеваҳои ватанӣ ва ғайраро ба намоиш гузоштанд. Меҳмонон ба сифати маҳсулот, ки аз лиҳози экологӣ тоза буда, таъми лазиз доранд, мароқ зоҳир намуданд.

Таъкид гардид, ки ин номгӯи маҳсулот бояд ҳар чӣ бештар истеҳсол ва ба хориҷи мамлакат, аз ҷумла ба кишварҳои Осиёи Марказӣ содирот гардад. Толори мазкур 1700 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо 20 коргоҳу корхонаи истеҳсолии Тоҷикистон дар растаҳои алоҳида бо тарзу усули хос маҳсулоти хешро муаррифӣ карданд. Сипас, сарони давлатҳо ва меҳмонон ба толори дигар гузашта, аз намоишгоҳи молу маҳсулоти саноатии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон дидан намуданд.

Масоҳати умумии толори мазкур 1815 метри мураббаъро ташкил медиҳад ва дар гӯшаҳои алоҳида, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон маҳсулоти саноати сабук, техникаи маишӣ, таҷҳизоти инноватсионӣ, нассоҷӣ, мошинсозӣ, канданиҳои фоиданок, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайраро муаррифӣ карданд.

Дар гӯшаи намоишии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои 30 ширкати истеҳсолӣ шароити муаррифии молу маҳсулот фароҳам оварда шуд. Намояндагони коргоҳу корхонаҳои саноатии Ӯзбекистон имкон пайдо намуданд, ки маҳсулоти хешро ба таври зарурӣ пешниҳод намоянд.

Дар маҷмӯъ, зиёда аз 100 номгӯи маҳсулоти истеҳсоли Ӯзбекистон, аз қабили маҳсулоти чармӣ, фарматсевтӣ, нассоҷӣ, пилла, мошинсозӣ, таҷҳизоти барқӣ, кишоварзӣ, технологияи иттилоотию рақамӣ, масолеҳи сохтмон ва ғайра ба намоиш гузошта шуд. Дар намоишгоҳ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 90 нафар намояндагони соҳаи саноат иштирок доранд.

Ташкили чунин намоишгоҳи калони минтақавӣ боиси густариш ёфтани ҳамкориҳои тиҷоратӣ миёни ширкатҳо, рушду пешрафти фаъолияти коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ва афзоиши номгӯй ва ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар кишварҳо маънидод гардид.

Дар Намоишгоҳи молистеҳсолкунандагони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз Ҷумҳурии Қазоқистон зиёда аз 300 нафар намояндаи соҳаи саноат, аз корхонаҳои истеҳсолӣ ва бахши хусусӣ ширкат варзида, иқтидори истеҳсолии кишвари хешро муаррифӣ намуданд.

Маҳсулоти ба намоиш гузошташуда дар гӯшаи Ҷумҳурии Қазоқистон бахшҳои сохтмон, металлургия, мошинсозӣ, химия, нассоҷӣ, кишоварзӣ, энергетика ва ғайраро дар бар мегирад. Аз Ҷумҳурии Қазоқистон бештар аз 300 намуд маҳсулоти саноатии 150 ширкати истеҳсолӣ ба намоиш гузошта шуд.

Ба таъкиди масъулон дар намоишгоҳи мазкур маҳсулотеро ба маъраз гузоштаанд, ки ба стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ ва рақобатпазириашон дар бозори ҷаҳонӣ таъмин аст. Зимни боздиди сарони давлатҳо аз гӯшаи Туркманистон маълум гардид, ки молистеҳсолкунандагони ин мамлакат номгӯи зиёди маҳсулоти ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалиро ба намоиш гузоштаанд.

Дар намоишгоҳ аз Туркманистон зиёда аз 100 нафар намояндаи ширкатҳои истеҳсолӣ иштирок намуда, маҳсулоти нассоҷӣ, металлургӣ, химия, энергетика ва ғайраро васеъ муаррифӣ карданд. Маҳсулоти саноатии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон ба кишварҳои дуру наздик, аз ҷумла, ба Осиёи Марказӣ содирот шуда, бо назардошти ҷавобгӯ будан ба стандарт дар бозори ҷаҳонӣ талабгори зиёд дорад.

Дар ҳамон ҷо тавассути навори видеоӣ низоми фаъолияти ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон намоиш дода шуд. Дар намоишгоҳ, ҳамчунин, натиҷаи фаъолият ва дастовардҳои Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ба намоиш гузошта шуд.

Дар гӯшаи Фонди байналмилалии наҷоти Арал корҳои анҷомёфта ва нақшаҳои минбаъда барои ҳифзу барқарор намудани баҳри Арал муаррифӣ гардид.

Фаъолияти фонд аз тарафи сарони давлатҳо назаррас арзёбӣ гардида, ҳамкории боз ҳам бештар ва пайдо кардани роҳҳои нави бартарафии мушкилот дар ин самт муҳим шуморида шуд.

Воситаҳои нақлиёти сабукрав, мусофиркаш ва боркаш, ҳарбӣ-муҳофизатӣ, инчунин, техникаҳои кишоварзии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар майдони кушоди намоишгоҳ, ки 6 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад, ба намоиш гузошта шуд. Дар ин майдон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 42 адад воситаи нақлиёт, аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон 65 адад ва аз Ҷумҳурии Қазоқистон 43 воситаи нақлиёти гуногунтамға муаррифӣ гардид.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қосим-Жомарт Токаев, Сердар Бердимухамедов, Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ташкили Намоишгоҳи молистеҳсолкунандагони давлатҳои Осиёи Марказиро муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карданд.

Сарони давлатҳо ба шароиту имкониятҳои фароҳамовардашуда барои муаррифии молу маҳсулоти саноатии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон баҳои баланд дода, ба мутасаддиён миннатдории самимӣ изҳор доштанд.

Ба таъкиди сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор гардидани чунин намоишгоҳ бо иштироки васеи намояндагони ширкатҳои истеҳсолӣ дар густариши ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳо, табодули таҷриба миёни молистеҳсолкунандагон, тақвият ёфтани истеҳсолот ва содироти бештари маҳсулоти саноатӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ заминаҳои устувор мегузорад.

Мавриди таъкид аст, ки Намоишгоҳи молистеҳсолкунандагони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Душанбе то 16 - уми сентябри соли 2023 идома меёбад. Сокинон ва меҳмонони пойтахт имкон доранд аз ин намоишгоҳ озодона дидан карда, аз маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон харидорӣ намоянд. Ҳамчунин, дар намоишгоҳ барои ширкатҳои тиҷоратии ватанӣ имконияти хуби ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолии кишварҳо фароҳам аст.

**www.prezident.tj**




# ОСИЁИ МАРКАЗӢ БО ШАРОФАТИ КӮШИШҲОИ МУШТАРАК БА ҚАЛАМРАВИ ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД ТАБДИЛ МЕЁБАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ

шаҳри Душанбе, 14-уми сентябри соли 2023

**Ҳамкорони муҳтарам,**
**Дӯстони азиз!**

Имрӯз маротибаи панҷум аст, ки мо дар чунин чаҳорчӯба мулоқот менамоем. Давраи сипаришуда барои кишварҳо ва мардумони мо марҳилаи рушди босуръати савдои мутақобила, тавсеаи ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ ва таҳкими робитаҳои байниҳамдигарии нақлиётӣ гардид.

Осиёи Марказӣ ба шарофати саъю кӯшишҳои муштараки мо пайгирона ва босубот ба қаламрави ҳамкории мутақобилан судманд табдил меёбад. Аз ҳама муҳим он аст, ки халқҳои мо аз самараи ин талошҳо баҳравар мегарданд.

Заминаи вохӯриҳои машваратии моро муҳокимаи боварибахш, ошкоро, созанда, ҳамчунин ҳалли ҳамоҳангшудаи мушкилоти умумии минтақа ташкил медиҳанд. Ҳатто бемории сироятии «COVID – 19» натавонист муколамаи сиёсӣ ва рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро боздорад. Баръакс, дар ин лаҳзаҳои ҳассос ҷаҳон шоҳиди намунаҳои олии ҳамраъйӣ ва кумаки мутақобилаи байни давлатҳои Осиёи Марказӣ гардид.

Давоми панҷ соли гузашта давлатҳои минтақа ба ҷомеаи ҷаҳонӣ даҳҳо ташаббус пешниҳод намуданд, ки ба ҳифзи сулҳ ва таъмини рушди устувор нигаронида шуда буданд. Ҳамаи ин гувоҳи баргаштнопазирии раванди табдили Осиёи Марказӣ ба минтақаи босубот, аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёфта ва дарояндаи наздик хеле шукуфон мебошад. Итминон дорам, ки вохӯрии машваратии ҷашнии имрӯза боз як тасдиқи дигари иродаи устувори сиёсии мо барои таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкории байнидавлатӣ ба манфиати мардумони бародари мо хоҳад буд.

Чуноне шумо медонед, Тоҷикистон ташаббускори дар остона ва дар доираи вохӯрии машваратӣ баргузор намудани як силсила чорабиниҳои рӯзмарра бо дастгирии кишварҳои минтақа гардид.

Ёдовар шудан кофист, ки дар рафти омодагӣ ба ин вохӯрӣ қариб 50 чорабинӣ – шурӯъ аз сатҳи мутахассисон то роҳбарони вазорату идораҳо доир гардид. Ҳадафи чорабиниҳо барқарории фазои сифатан нави эътимод, дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Мо аз дастгирии ин талошҳоямон аз Шумо самимона миннатдорем.

**Ҳамкасбони муҳтарам!**

Осиёи Марказӣ имрӯз ба яке аз муҳимтарин марказҳои геополитикии ҷаҳони муосир ва пайвандҳои беназири ҷуғрофӣ табдил меёбад. Тасодуфӣ нест, ки сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай дар чаҳорчӯби ин созмони фароминтақавӣ солҳо боз он амрро таъкид менамоянд, ки «Осиёи Марказӣ меҳвари СҲШ мебошад».

Имрӯз мо - роҳбарони минтақа дар изҳороти муштараке, ки дар фарҷоми ҳамоиш қабул хоҳад шуд, мавқеи усулии худро дар мавриди боқӣ мондани СММ ҳамчун созмони универсалии глобалӣ, бори дигар таъйид менамоем. СММ бо қонунияти ба таври умум эътирофшудаи худ дар ҳифзи сулҳу амнияти сайёра нақши марказӣ мебозад. Солҳои охир мо таваҷҷуҳи зиёди қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва минтақавиро ба Осиёи Марказӣ мушоҳида менамоем. Беш аз даҳ қолаб, ки дар чаҳорчӯбаи «Осиёи Марказӣ-плюс» таъсис ёфтаанд, ин воқеиятро тасдиқ мекунанд.

Дар чунин шароит барои мо муҳим аст, ки ягонагии Осиёи Марказиро нишон диҳем ва дар роҳи ҳамгироии дохилиминтақавӣ иқдомҳои бештар фаъол бигирем.

Ба нафъи мо хоҳад буд, ки иқтидори умумиминтақавии худро ба таври комил дар ҳама ҷанбаҳо ошкор созем ва «плюс»-ро дар ҳама заминаҳои ҳамкорӣ ба тарҳҳои мушаххас табдил диҳем.

Дар робита ба ин, мо зарур мешуморем, ки ба ҳукуматҳои кишварҳоямон супориш диҳем, то мутобиқ ба мушаххасоти минтақавӣ ва кишварӣ оид ба рушди муштараки Осиёи Марказӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия намоянд ва онҳоро дар доираи механизмҳои мавҷуда ба шариконӣ хориҷиамон пешниҳод намоянд.

**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Бо назардошти буҳрони низоми амнияти байналмилалӣ ва афзоиши эҳтимоли сар задани муноқишаҳо масъалаҳои вобаста ба таъмини суботи минтақавӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии мо қарор доранд. Таҳдиди терроризму экстремизми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ва киберӣ коҳиш намеёбад. Вазъ дар Афғонистон боиси нигаронии хоси мо гардидааст. Дар ин кишвари ҳамсоя буҳрони башарӣ рӯз ба рӯз шиддат меёбад. Дарду азоби мардуми бародари Афғонистон ба мо наздик ва қобили дарк аст.

Тоҷикистон минбаъд низ имкониятҳои инфрасохтории наздисарҳадӣ ва логистикии худро барои расонидани кумакҳои ҳадафманд ба мардуми Афғонистон вогузор хоҳад кард. Созмонҳои байналмилалӣ ва дигар шарикон тавассути шаш пул дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон ба ин кишвар кумакҳои башардӯстона мерасонанд.

Ҳадафи мо фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ барои ба эътидол овардани вазъи башарӣ дар ин кишвар аст. Дар баробари ин, мо афзоиши фаъолнокии гурӯҳҳои гуногуни террористиро дар Афғонистон мушоҳида менамоем. Солҳои охир мо ба кӯшишҳои рахна кардани сарҳад ва убури ғайриқонунии он аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни террористӣ рӯ ба рӯ гардидаем.

Чанде пеш мо аз ду кӯшиши рахна намудани сарҳад аз ҷониби ҷангҷӯёни «Ансоруллоҳ» пешгирӣ намудем. Ҳадафи онҳо анҷоми як силсила ҳамлаҳои террористӣ дар пойтахт ва манотиқи дигари Тоҷикистон буд. Ҳаҷми қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Рақамҳо далели равшани ин гуфтаҳо мебошанд. Танҳо мақомоти босалоҳияти кишвари мо соли гузашта дар марз бо Афғонистон ҳудуди панҷ тонна маводи мухаддирро мусодира намудаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021-ум 22 фоиз зиёд аст. Дар чунин шароит моро лозим аст, то якҷо ва дар ҳамдастӣ амал намоем. Бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки омили амнияту субот шарти муҳимтарини татбиқи бомуваффақияти нақшаю иқдомҳои созандаи мо мебошад.

**Ҳамкасбони муҳтарам!**

Сатҳи баланди ҳамкории сиёсиамон, ки ба он ноил гардидаем, барои густариши минбаъдаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ имконияти фаровон фароҳам меоварад. Дар пасманзари бесуботии тӯлонӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ бар асари оқибатҳои пандемия ва як қатор омилҳои дигар, ба ҳар ҳол, дар минтақаи мо тамоюли мусбат ба назар мерасад. Омори гардиши мутақобилаи мол миёни кишварҳоямон ин хулосаро тасдиқ менамояд.

Дар мисоли Тоҷикистон тиҷорати мо бо кишварҳои минтақа якуним-ду баробар афзудааст ва ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳаҷми умумии муомилоти молии кишвари мо аз рӯи натиҷаҳои соли гузашта 28,2 фоизро ташкил дод. Моро лозим аст, ки бахшҳои нави рушди муштаракро муайян сохта, барои таъмини пешрафти стратегӣ дар самти иқтисодӣ тамоми захираю имкониятҳоро истифода барем. Итминон дорем, ки иқтисодиёти давлатҳои минтақа бояд ҳамдигарро пурра гардонанд.

Мо пешниҳод менамоем, ки дар доираи минтақа барномаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ба таври фаъол ҷорӣ намудани технологияҳои нав таҳия шаванд.

Мо бояд кӯшиш намоем, ки тарҳҳои калонҳаҷми нақлиётӣ-инфрасохториро мавриди татбиқ қарор диҳем. Тоҷикистон барои рушди ин соҳа ва табдили кишвар ба минтақаи мусоиди транзитӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ хоҳад дод. Бо ин мақсад, мо долонҳои афзалиятнок ва дорои аҳамияти байналмилалии тиҷоратӣ ва транзитиро муқаррар намудем, ки аз қаламрави мо аз Шарқ ба Ғарб ва аз Шимол ба Ҷануб мегузаранд.

Барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди ҳамлу нақли байналмилалии бор мо пешниҳод менамоем, ки Консепсияи ҳамгироии марказҳои логистикии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия шавад.

Имзои Созишномаи таърихии панҷҷониба оид ба пайванди мутақобилаи нақлиёти заминӣ дар Осиёи Марказӣ, ки имрӯз аз натиҷаи вохӯрии машваратӣ сурат мегирад, ба ҳалли ин масъала аз бисёр ҷиҳат мусоидат хоҳад кард.

Тағйирёбии иқлим, ки солҳои охир, махсусан, шиддат мегирад, моро водор менамояд, ки минбаъд низ дар ин самт аз иқдомҳои фаъол кор бигирем. Оқибатҳои ин падидаҳо метавонанд бебозгашт гарданд ва зарари ҷубронашаванда расонанд.

Тоҷикистон бо назардошти захираҳои гидроэнергетикии худ ҳадаф дорад, то минбаъд истеҳсоли энергияи «сабз»-ро рушд дода, омода аст, дар ин замина ба ҳамкории фаъоли худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ идома диҳад.

**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гардиданд. Мо набояд бо ин иктифо намоем. Аз гузаштаи умумиамон ба таври ҳаққонӣ фахр мекунем.

Ҳамагон хуб медонанд, ки қаламрави башарии Осиёи Марказӣ бузургтарин арбобони илму фарҳанг, адабиёту санъатро ба олам овардааст, ки саҳми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ воқеан бебаҳо аст.

Минтақаи мо яке аз марказҳои эътирофшудаи паҳншавии тамаддунҳо, динҳо ва фарҳангҳои бузург аст, ки асосан, чеҳраи маънавии ҷаҳони имрӯзаро муайян менамояд. Мо вазифаи умумиамонро дар муносибати эҳтиёткорона ба ҳифзи асолат ва беназир будани мероси маънавии халқҳоямон мебинем. Дар хусуси мушкилиҳое, ки аз таърих боқӣ мондаанд, моро зарур аст, то онҳоро мустақилона, бе дахолати берунӣ ҳал намоем.

Солҳои охир афзоиши сареи таваҷҷуҳи расонаҳои хабариро ба Осиёи Марказӣ мушоҳида менамоем. Фазои воситаҳои ахбори омма аз маълумоти гуногун, баъзан мухолиф ва таҳрифшуда дар бораи вазъи минтақа пур шудааст. Зарур аст, то барои ташаккули фазои иттилоотии дӯстии воқеӣ ва ҳамкорӣ дар минтақа, ки на ба тахмину фарзия, балки ба далелҳои ҳақиқӣ асос ёфта бошад, тадбирҳои амалӣ андешида шавад.

Бо ин ҳадафҳо мо пешниҳод менамоем, ки Ассотсиатсияи воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад. Дар қаламрави минтақаи мо зиёда аз нисфи аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад. Ҷавонони Осиёи Марказӣ бояд муқовимат ба падидаҳои номатлубро омӯзанд ва дар эҷоди фазои амнтару одилонаи умумиминтақавӣ саҳм бигиранд.

Дар ин замина, мо имрӯз барои имзои Созишномаи панҷҷониба оид ба муносибати умумӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон байни кишварҳоямон истиқбол менамоем.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз раёсати Тоҷикистон дар Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба поён мерасад. Дар ҷараёни омодагӣ ба вохӯрии имрӯзаамон мо кӯшиш ба харҷ додем, то корро бар асоси анъанаҳои дӯстии қавӣ ва муносибати боэҳтиром ба назароти ҳар давлат ба роҳ монем. Ҳамаи чорабиниҳое, ки дар арафаи Вохӯрии панҷуми машваратӣ барпо гардиданд, омодагии умумии моро барои сулҳу амният, ҳамкории баробарҳуқуқ, рушд ва шукуфоии муштарак дар минтақа ба намоиш гузоштанд.

Бо истифода аз фурсат, ҳамкасбони муҳтарам, мехоҳам самимона ва аз таҳти дил ба шумо барои дастгирии кӯшишҳои Тоҷикистон изҳори ташаккур намоям. Албатта, мо пешниҳодро дар бораи дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор намудани Вохӯрии навбатии шашуми машваратӣ ҷонибдорӣ менамоем.

**Ташаккур аз таваҷҷуҳатон.**

ОБУНА - 2024

## ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

**НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.**

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417811 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Шаҳринав | Таъмири ҷории бинои МСД Қади ҷӯйбори Ҷамоати деҳоти Сабои ноҳияи Шаҳринав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.09.2023 10:00:00 |
| 2 | 417794 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо» дар вилояти Суғд | Таъмири ҳуҷраҳои кории биноиҳ №2, бомпӯши таваққуфгоҳ ва ободонии саҳни биноҳои №1,№2,№3-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2023 15:20:00 |
| 3 | 417795 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон | Таъмири бинои озмоишгоҳи «Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ»-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2023 15:31:01 |
| 4 | 417793 | Муассисаи тахсилоти умумии асосии №1-и ноҳияи Тоҷикобод | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 04.10.2023 16:35:05 |
| 5 | 417800 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:00:00 |
| 6 | 417801 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:00:00 |
| 7 | 417802 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:00:00 |
| 8 | 417803 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:10:59 |
| 9 | 417804 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:15:59 |
| 10 | 417805 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 09:20:59 |
| 11 | 417806 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи ба номи А. Кулолӣ дар маҳаллаи Навбаҳори микроноҳияи 30-юми шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 4,5 см, масоҳат - 3400 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 09:35:05 |
| 12 | 417808 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Интернатсионалист дар маҳаллаи 29-уми шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 6600 $м^2$), марҳилаи 1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 09:40:00 |
| 13 | 417810 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноии таълимӣ барои 240 хонанда дар назди МТМУ №9-и Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳамид Алиеви ноҳияи Зафаробод (таъмири фаршҳои чинии ошёнаҳои 1 ва 2) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 09:45:45 |
| 14 | 417809 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Ковролин, ресмони бофташудаи ороишӣ, стенд, сутунҳои сайёр, қолинҳои роҳрав, ратсия ва дивани мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 05.10.2023 10:00:00 |
| 15 | 417807 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Таъмири ҷории биноиі меҳмонхонаи мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 10:00:31 |
| 16 | 417816 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ошёнаи 3-юми биноии маъмурӣ, намои биноии лабораторияи ҷумҳуриявии кимиёвӣ ва радиометрии кумита | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 11:50:00 |
| 17 | 417817 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №4»-и шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти техникӣ, камераи назоратӣ ва лавозимоти камераи назоратӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 05.10.2023 12:40:00 |
| 18 | 417799 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Таҷҳизоти барқӣ (Маҷмӯи зеристгоҳҳои трансформатории навъи шаҳрӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 05.10.2023 13:00:00 |
| 19 | 417812 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Рашт | Сарулибоси мактабӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 05.10.2023 13:04:24 |
| 20 | 417820 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №4»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 21 | 417821 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Раззоқов»-и шаҳри Панҷакент | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 22 | 417822 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон | Обкашак (насос) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 23 | 417823 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётии лифт барои Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 24 | 417824 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Лавозимоти рахти хоб, техникаи маишӣ, баллони газ, мебел, қолин ва парда барои иншооти «Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадии Понғози Ҷамоати деҳоти Понғоз» дар ноҳияи Ашт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 25 | 417825 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қисми кӯчаҳои ба номи Ҷӯра Зокиров ва Абдулло Шамсиев дар шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 4 см, масоҳат - 2050 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 26 | 417826 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Интернатсионалист дар маҳаллаи 29-уми шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат 2200 $м^2$), марҳилаи 2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 27 | 417827 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (корҳои таҷдид ва азнавсозии осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 14:25:25 |
| 28 | 417818 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | ИТМШ, ИТМД, ДТК-10 кВ ва камераи КСО-366 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 05.10.2023 14:30:00 |
| 29 | 417830 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии биноии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 14:42:00 |
| 30 | 417832 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Сохтмони анҷомхона дар назди муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2023 14:46:23 |
| 31 | 417833 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Партаҳои мактабӣ ва курсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шаҳристон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 05.10.2023 14:51:51 |
| 32 | 417834 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мебел барои иншооти «Сохтмони нуқтаи оташнишонӣ барои 2 баромад» дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 05.10.2023 14:51:51 |
| 33 | 417831 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 05.10.2023 14:55:34 |
| 34 | 417796 | Маркази саломатии ноҳияи Ванҷ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.10.2023 17:40:00 |
| 35 | 417798 | Раёсати минтақавии гумрук дар ВМКБ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.10.2023 17:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10-уми октябри соли 2023 музоядаҳои № 36 ва № 37-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

**МУЗОЯДАИ № 36**

| № | Номгӯйи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хома (ручка) | адад | 36000 | 10800 |
| 2 | Собуни хоҷагӣ | адад | 1120 | 3360 |
| 3 | Бозичаҳои кӯдаконаи гуногун | адад | 1335 | 26700 |
| 4 | Дафтар (цветная бумага)-и гуногун | адад | 5000 | 5000 |
| 5 | Албомҳои расмкашии гуногун | адад | 5790 | 28950 |
| 6 | Пойафзоли резинии тобистона (шлёпки) | ҷуфт | 1794 | 17940 |
| 7 | Сони сафед | метр | 400 | 2800 |
| 8 | Мӯзаи резинӣ | адад | 242 | 7260 |
| 9 | Пойафзоли тамғаи «Ферíде» | ҷуфт | 330 | 3960 |
| 10 | Маҳсулоти печении навъи «Ҷайко» | кг | 106 | 2650 |
| 11 | Нӯшокии ташнашикани афшураи меваи навъи «Тропик» | адад | 400 | 1600 |
| 12 | Маҳсулоти зироати кишоварзии навъи «Лӯбиё» | кг | 100 | 1000 |
| 13 | Пойафзоли резинӣ (калӯш) | ҷуфт | 220 | 3300 |
| 14 | Маҳсулоти қаннодии навъи «Тиме» | кг | 600 | 12000 |
| 15 | Маҳсулоти қаннодии «Почемучка» | кг | 150 | 1800 |
| 16 | Либосҳои занонаи гуногун | адад | 500 | 15000 |
| 17 | Муҳаррики мошинаи ҷомашӯӣ | адад | 24 | 2160 |
| 18 | Қисмҳои эҳтиётии мошинаҳои ҷомашӯӣ | адад | 20 | 180 |
| 19 | Антеннаи телевизор | адад | 40 | 2000 |
| 20 | Смарт барои телевизор | адад | 10 | 1000 |
| 21 | Пулти телевизор | адад | 50 | 500 |
| 22 | Ҷоймонаки DVD (подставка) | адад | 100 | 4000 |

**МУЗОЯДАИ № 37**

| № | Номгӯйи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин, тамғаи Айфон 13 pro ва 14 pro, ки дохили онҳо аз барномаи «Appie Iphone» сохта шудаанд | адад | 23 | 45080 |
| 2 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 5W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 1000 | 3000 |
| 3 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 7W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 100 | 400 |
| 4 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 12W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 700 | 3500 |
| 5 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 18W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 250 | 2000 |
| 6 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 28W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 150 | 1800 |
| 7 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 38W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 120 | 1920 |
| 8 | Ҷӯроби (носки) истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | кг | 130 | 10400 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе диониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ВНИМАНИЕ, ТЕНДЕР!

НФ МТРК «Мир» в Республике Таджикистан ищет подходящие компании для участия в тендере по приобретению нового технического оборудования и расходных материалов (оборудование, монтаж и проведение пуско-наладочных работ для обеспечения бесперебойной работы сети электроснабжения в НФ МТРК «Мир» в РТ).

По всем вопросам обращаться по телефонам: **98-800-14-70, 200-02-03-25.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 сентябри соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97